**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

«Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» бо фарогири гунаҳои зиёди калимаву таъбирҳо ва сохторҳои гуногуни ҷумлаҳо аз муҳимтарин ва куҳантарин намунаҳои насри форсии тоҷикист, ки дар муқаддимаи он аз рӯзгори қадим забони порсӣ, яъне, тоҷикӣ будани забони мардуми Фарорӯд ва аз оғоз ориёинажод будани ҳокимони ин сарзамин таъкид шудааст: «...Ва ин ҷо, бад-ин ноҳият (яъне, Фарорӯд) забон порсист ва мулукони ин ҷониб мулуки Аҷаманд».

Ҳамин аст, ки асари мазкур ҳамчун қомуси зиндаи забони форсии тоҷикии асри X хусусиятҳои мухталифи гӯйишҳои гуногуни қаламрави Сомониёнро дар бар гирифтааст. Воқеан, бо мутолиаи ин асар метавон ба ҳамин натиҷа расид, ки мутарҷимони асар дар нигоҳ доштани асолати забони форсии тоҷикӣ кӯшиш ба харҷ дода, ҳангоми пайдо накардани муодили вожаҳои арабӣ дар забони форсии тоҷикӣ ба калимасозию таркиббандӣ даст задаанд. Ба таъбири дигар, ин шоҳкори насри тоҷик далели гӯёи қудрату тавоноӣ ва зоёиву пӯёии забони тоҷикӣ ба шумор меравад, зеро дар он барои ҳар вожаву таъбири қуръонӣ муодили тоҷикӣ оварда шудааст. Хусусан, дар қисмати тарҷумавии бевоситаи ин асар, ки фарогири тарҷумаи оятҳои қуръонӣ мебошад, калимаҳои иқтибосӣ ангуштшумор ба кор рафтааст.

Бо назардошти ҷойгоҳи вежаву волои «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар таърихи забону адаби тоҷикӣ ҳар пажуҳиш ва таҳқиқе, ки дар робита ба он, сарфи назар аз кадом зовия, ба анҷом мерасад, дорои аҳаммияти илмӣ мебошад. Аз ин нигоҳ диссертатсияи номзадии Султанзода Заррина

дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз арзиши баланди илмӣ бархӯрдор буда, дар равшанӣ андохтан ба чигунагии бархӯрди қаламкашони гузаштаи мо ба корбурди “масолеҳи дар тули қарнҳо рехтаву устуворгардидаи забон”-воҳидҳои фразеологӣ, ҳам дар таълиф ва ҳам дар тарҷума, мусоидат менамояд.

Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи Султанзода Заррина ба доираи мавзуь ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ муқаррар шудаанд, ба таври комил **мувофиқат мекунад**.

**Навгонии илмии таҳқиқи мавриди назар,** пеш аз ҳама, дар он ба мушоҳида мерасад, ки бори аввал хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ ва таҳлили онҳо аз нигоҳи мазмуну муҳтаво дар мисоли «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба доираи таҳқиқ кашида шудааст. Илова бар ин, диссертатсияи мавриди назар аз нахустин пажуҳишҳое ба шумор меравад, ки дар он масъалаи муодилёбию муодилофаринии мутарҷимони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мавриди таҳқиқу таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳошаванда, ки дар тавсифи умумии таҳқиқ номбар шудаанд, дар диссертатсия ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар масоили шинохти ҷойгоҳи ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба мушоҳида расида, ҳамзамон, дар он ба баҳс кашидани ҷанбаҳои назариявии мушкилоти тарҷумаи ВФ ва тарҷумапазирию тарҷуманопазирии онҳо ба назар мерасад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он ба назар мерасад, ки хулосаву натиҷагириҳои дар он омадаро метавон дар дарсҳои назарию амалии таърихи забон, хусусан, бахши фразеология истифода намуд. Илова бар ин, хулосаву натиҷагириҳои диссертатсия дастуру роҳнамои хубе барои онҳое мебошад, ки ба тадриси назария тарҷума ва ё бевосита ба тарҷума

машғуланд.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар **муқаддимаи диссертатсия** (саҳ.5-15) муҳиммияти мавзуъ таъкид гардида, дар мавриди дараҷаи омӯзиш, мақсад, ҳадафҳо, объект, равишҳову навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаб, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва сохтори диссертатсия сухан меравад.

**Боби якуми диссертатсия** «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» (саҳ.16-72) ном дошта, аз шаш фасл иборат аст.

Дар ду фасли аввали ин боб, ки "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" – ганҷинаи воҳидҳои фразеологӣ" ва "Таснифи лексикии ВФ" унвон доранд, диссертант оид ба ҷойгоҳи ВФ дар ин асар ва бархӯрди мутарҷимон ба корбурди онҳо сухан гуфтааст. Аз ҷумла, нуктаи ҷолиб дар фасли аввал чӣ гуна ба майдон омадани ин ё он ВФ, шарҳи ВФ бо ВФ-и дигар, бо воҳиди луғавӣ дар асар мебошад, ки аз шинохт ва таваҷҷуҳи гузаштагони мо ба ин падидаи забонӣ дарак медиҳад.

Дар чор фасли баъдии ин боб, ки ба тартиби зайл: "Сермаъноии ВФ", "Синонимияи ВФ", "Вариантҳои ВФ" ва "Антонимияи ВФ" оварда шудаанд, диссертант ба таҳлилу баррасии категорияҳои луғавии ВФ-и дар асар омада пардохтааст. Диссертант ҳар фаслро бо овардан ва таҳлилу баррасии андешаҳои донишмандони ватанию хориҷӣ дар робита ба категорияҳои мазкури луғавии ВФ оғоз карда, баъдан мисолҳои аз асар гирифташударо ҳамчун бахши татбиқии фасл мавриди таҳлил қарор додааст.

**«Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳанда»** (саҳ.73-113) унвони **боби дувуми диссертатсия** буда, аз 13 фасл иборат аст ва ҳар фасл ба як феъли ёридиҳанда, аз қабили феълҳои кардан, намудан, омадан

ва ғ. тахсис дода шудааст. Ба андешаи диссертант (саҳ.73), зарурати дар боби алоҳида таҳлилу баррасӣ намудани ибораву таркибҳои фразеологии феълӣ, пеш аз ҳама, аз он маншаъ мегирад, ки асоси ВФ-и “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”-ро маҳз ибораву таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳанда ташкил медиҳад. Ба мисли боби қаблӣ дар ин бахши диссертатсия низ диссертант ба шарҳи мухтасари феълҳои ёридиҳанда пардохта, сипас бо овардани мисолҳо аз асари мавриди таҳқиқ ба кадом маъно омадани феълро дар зимни ВФ ишора намудааст.

**Боби севуми диссертатсия** дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумавии ВФ дар асар» (саҳ.114-147) унвон дошта, аз 7 фасл таркиб ёфтааст, ки ба гунаи зайл - “Тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ”, “Роҳҳои тарҷумаи ВФ дар асар”, “Тарҷумаи калкавии ВФ”, “Муодилёбӣ дар тарҷумаи ВФ”, “Тарҷумаи ВФ бо муодили луғавӣ”, “Тарҷумаи воҳиди луғавӣ бо ВФ” ва “Муқоисаи ВФ-и матни асар бо ВФ-и тарҷумашуда” унвонгузорӣ шудаанд.

Ба андешаи инҷониб, боби севуми диссертатсия аз бахшҳои муҳиму муваффақона таҳқиқу таҳлилгаштаи он ба шумор меравад. Дар ин қисмат диссертант бо таҳлилу баррасии ВФ ду забон – арабӣ ва тоҷикӣ дар мисоли “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” баъзе нуктаҳои ҷолибро дар мавриди тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ иброз намудааст. Чунончи, диссертант мегӯяд: “Таҳлили тарҷумаи ВФ аз забони арабӣ ба тоҷикӣ дар асоси «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» нишон медиҳад, ки тарҷуманопазирии ВФ як забон ба забони дигар мутлақ нест, балки гоҳе тарҷумаи як воҳиди фразеологӣ чунон мувофиқ меояд, ки ҳатто дар тарҷума будани он кас бовар наменамояд”(саҳ.121). Маҳз дар ин боб диссертант бо овардани мисолҳои фразеологӣ ин нуктаро таъйид менамояд, ки байни матни тарҷума ва матни тафсири асар тафовуту фарқияти куллӣ вуҷуд дорад.

**Дар қисмати хулоса** (саҳ.148-151) дар 14 банд хулоса ва натиҷагириҳои дисссертант аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи ӯ баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо дар 3 банд тавсияҳои муфид

(саҳ.152) пешниҳод шудааст.

Нуктаи ҷолибе, ки дар диссертатсияи Султанзода З. ба назар мерасад, ин таваҷҷуҳи мавсуф ба омори корбурди ВФ дар асари мавриди назар мебошад. Чунончи, тақрибан дар охири ҳар фасл таъкид менамояд, ки ин ё он навъи ВФ чанд бор дар асар омадааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия диссертант 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расонида, дар робита ба мавзуъ дар ду конференсия – ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, суханронӣ кардааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопнамуда ва суханрониҳои Султанзода Заррина мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия бархе норасоиҳо ба назар мерасад, ки ишора намудан ва ислоҳи минбаъдаи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Хуб мешуд, агар диссертант дар овардани фаслҳои боби дувум тартиби дигареро истифода мекард. Ба ин маъно, ки агар феълҳоро ба силсилаҳои муайян тасниф карда, ҳар силсиларо ҳамчун фасл пешниҳод мекард, арзиши кор беҳтар мешуд, зеро дар бархе маврид фаслҳои ин боб (2.2, 2.7, 2.8) ҳамагӣ аз ду саҳифа таркиб ёфтаанд. Камбудии мазкур дар тартиби фаслҳои боби севум низ ба назар мерасад.

2. Беҳтар мебуд, ки зимни баёни матлаб аз истилоҳоти забоншиносӣ, ки дар забони мо собиқа ё муодили маъруф доранд, истифода ба амал меомад. Масалан, ба ҷойи "вариант" – "гуна", "синонимия – муродифот" ва ғайра.

3. Агар диссертант дар баробари овардани омори ВФ дар асар онҳоро дар шакли ҷадвал нишон медод, бе шак, арзиши илмии диссертатсия боз баландтар мегашт.

4. Дар диссертатсия ҷо-ҷо хатоҳои имлоию иншоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 18, 21, 25, 36...).

Норасоиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳаммияти илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Диссертатсияи мавриди назар ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филология,
узви вобастаи АМИТ,
сарходими илмии Институти забон
ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Султон Ҳасан Баротзода
«27» марти соли 2024

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
(+992) 37227-29-07, 221-70-30
E-mail: sulton 66@mail.ru
Тел: 93-526-98-05

Имзои Султон Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Ҳ.Нарзиқулова
«27» марти соли 2024